**№ 391 аз 31.12.2012**

**«Оид ба тасдиқи намунаҳои (бланкаҳои) аризаҳои андоз»**

Мутобиқ ба талаботи қисми 1 моддаи 18 ва моддаи 50 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав, бо назардошти талаботи Стандарти ягонаи давлатии хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, ҷиҳати содда намудани тартиби муроҷиати андозсупоранда ба мақомоти андоз,

**Ф А Р М О Н  М Е Д И Ҳ А М:**

1. Тибқи замимаҳо ба фармони мазкур намунаҳои (бланкаҳои) аризаҳои андоз тасдиқ карда шаванд.

2. Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон дар якҷояги бо КВД "Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз:

- намунаҳои (бланкаҳои) аризаҳои андозро дар сомонаи Кумитаи андоз (www.andoz. tj) ҷойгир намоянд;
- барои дар шакли электронӣ ба роҳ мондани қабули аризаҳо чораҷӯи намоянд.

3. Мақомоти андоз:

- барои ба маълумоти андозсупорандагон расонидани шаклҳои тасдиқшудаи намунаҳои аризаҳо чораҷӯи намоянд;
- аризаҳои шаҳрвандонро барои бархурдор шудан аз хизматрасониҳои мақомоти андоз тибқи шаклҳои муқарраршудаи аризаҳо қабул намоянд.

4. Фармони мазкур дар Ҳафтаномаи «Боҷу хироҷ» ба табъ расонида шавад.

5. Фармони мазкур аз санаи 1 январи соли 2013 мавриди амал қарор дода шавад.

6. Шуъбаи ташкили гардиши ҳуҷҷатҳо ва коргузорӣ (Хоҷабекова Ё.) фармони мазкурро ба раёсатҳои Дастгоҳи марказӣ, раёсатҳои андоз дар ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе, НАК, НАМ ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дастрас намояд.

7. Назорати иҷрои фармони мазкур ба зиммаи Муовини якуми Раиси Кумитаи андоз Солиев А.М. вогузор карда шавад.

**Раис** **Н. Давлатов**